## МУКОЛАМА БАРОИ РУШД №3

**Мавзуъ: Нақши Пешвои миллат дар ташаккули фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ**

**Мавзуъҳои ин нашр:**

- **Муқаддима**
- **Муҳтавои суханронии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Давлаталӣ Саид**
- **Гузориш оид ба рафти кори конфронс**
- **Тавсияҳои конфронс**

### Муқаддима

Тавре ба ҳамагон маълум аст, саҳми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти гузаронидани ислоҳоти куллӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла соҳибкориву сармоягузорӣ ниҳоят муҳим мебошад. Қобили қайд аст, ки дар муддати 25 соли истиқлолият бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла соҳибкориву сармоягузорӣ ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, дар ҷумҳурӣ фазои мусоиди корӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи олӣ, ҳамчун қадамҳои муҳим дар самти густариши муносибатҳои байни давлат ва бахши хусусӣ, баррасии ру ба руи масъалаҳо бо соҳибкорону сармоягузорон, ҷалби онҳо ба раванди ислоҳот, аз ҷумла таҳия, қабул ва татбиқи санадҳои меъёриии ҳуқуқӣ, заминаи боэътимод фароҳам оварда шуд.

Таваҷҷуҳи доимӣ, мулоқоту вохуриҳои мунтазами Пешвои миллат бо соҳибкорону сармоягузорон ва гузаронидани форумҳои соҳибкориву сармоягузорӣ бо иштироки бевоситаи Президенти мамлакат, фароҳам овардани шароит ҷиҳати иштироки мустақим дар баррасии масъалаҳои соҳибкорӣ ба соҳибкорону сармоягузорон руҳу илҳоми тоза мебахшад.

Дар ин робита, бо назардошти нақши муассири Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳибкорию сармоягузорӣ, 5 августи соли 2016 дар МД «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» ба муносибати 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конфронс дар мавзуи “Нақши Пешвои миллат дар ташаккули фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ” бо иштироки доираи васеи намояндагони мақомоти расмии ҷумҳурӣ, бахши хусусӣ, сармоягузорону соҳибкорон ва ширкатҳои ватанию хориҷӣ, ассотсиатсияҳо, созмонҳо ва ташкилотҳои касбӣ баргузор гардид.

**Муҳтавои суханронии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Давлаталӣ Саид**

Дар кори конфронс Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Давлаталӣ Саид иштирок ва баромад намуда, дар суханронии худ оид ба нақши бесобиқаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди ташаккули фазои сармоягузорӣ, рушди соҳибкорӣ ва марҳилаҳои он, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, доираи масъалаҳои сатҳи байналмилалии соҳибкорию сармоягузорӣ, натиҷаҳои дар раванди мазкур бадастомада ибрози назар намуд.




Тавре қайд гардид, дар вазъияти барои мамлакатамон мушкили сиёсию иқтисодӣ бо мақсади барқарорӣ ва пойдории асосҳои давлатдорӣ, таҳкими шохаҳои ҳокимият ва таъмини қонуният, сулҳ ва ризоияти миллӣ Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти нави мамлакат таҳти сарварии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуда, аз оғози ин лаҳзаҳо таърихи навини тоҷикон ва марҳилаи барои миллат ва давлати мо сарнавиштсоз шуруъ гардид ва аз ҷониби Сарвари тозаинтихоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои таҳия ва татбиқи барномаи мукаммали аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ раҳо бахшидани кишвар ба миён гузошта шуд. Вобаста ба ин ҷиҳати омодасозии заминаҳои гузариш ба низоми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии комилан нав, гузоштани таҳкурсии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, давлатдории навини тоҷикон ва мустаҳкам намудани пояҳои он тадбирҳо андешида шуд.

Таъкид гардид, ки бо талошварзиҳои Пешвои миллат, Ҳукумати мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешида, бо фароҳам омадани суботи сиёсию иқтисодӣ, солҳои 1997-1998 баландравии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба мушоҳида расид.

Маҷмуи ислоҳоти гузаронидашуда имкон дод, ки саҳми бахши хусусӣ дар Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ аз 30 фоизи соли 2000-ум то 67 фоиз дар соли 2015 зиёд гардида, 78 фоизи пардохтҳои андозии буҷети давлатӣ ва 65 фоизи аҳолии фаъоли иқтисодӣ аз ҷониби бахши хусусӣ бо шуғл таъмин карда шаванд.

Тавре муовини якуми Сарвазир қайд намуд, аввалин санади меъёрии ҳуқуқии махсус дар самти рушди соҳибкорӣ “Барномаи давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” 20 феврали соли 1998 қабул гардида, нахустин мулоқот бо соҳибкорон бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 11 августи соли 2001 баргузор гардид, ки барои гузаронидани ислоҳот ва фароҳам овардани шароити мусоид ба фаъолияти соҳибкорӣ такони ҷиддӣ бахшид.



Қайд карда шуд, ки бо мақсади дастгирии бештар ва татбиқи ислоҳот, тақвият додани фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкории ватанию хориҷӣ дар ҷумҳурӣ инфрасохтори соҳа устувор гардонида шуда, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муассисаҳои давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра таъсис дода, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ тавассути қабул кардани чандин қонунҳои танзимкунанда ва мукаммалгардониии қонунгузории соҳа устувор карда шуд.

Дар радифи ислоҳоти татбиқшуда барои ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, фароҳам овардани шароити озод ва ҳимояи ҳуқуқӣ байни шахсони ҳуқуқиву воқеии дохилӣ ва хориҷӣ чораҷуиҳо амалӣ карда шуд.

Иброз гардид, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти саҳми соҳибкорон дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ эълон гардидани 14 октябр ҳамчун “Рӯзи соҳибкор”, баргузории мулоқоти мунтазами Президенти мамлакат бо соҳибкорону сармоягузорон, ҳамоишу Форумҳои байналмилалӣ ва иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо, фароҳам будани майдони муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ баёнгари таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, дар таърихи мамлакат ва замони истиқлолият бесобиқа мебошад.



Ҳамзамон, Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлаталӣ Саид изҳори итминон намуд, ки бо дарки нақши таърихии Сарвари давлат дар ташаккул ва дастгирии фаъолияти сармоягузориву соҳибкорӣ, мақомоту идораҳои дахлдор, сармоягузорону соҳибкорон дар татбиқи сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ислоҳоти иқтисодӣ, суботи сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат ва аз ин тариқ дар устувор намудани пояҳои истиқлолияти давлатӣ саҳми арзандаи худро мегузоранд.

**Гузориш оид ба рафти кори конфронс**



Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби масъули Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, **Қодири Қосим**, зимни пазироии иштирокчиён нахуст оид ба аҳамият ва моҳияти конфронс ибрози назар намуд.

Қайд карда шуд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, хусусан дар самти беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, дар натиҷаи татбиқи сиёсати созандаи Пешвои миллат, давлати соҳибистиқлоли мо дар ҷодаи таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкориҳо бо шарикони байналмилалӣ, мунтазам афзоиш ёфтани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба хоҷагии халқ, амалисозии лоиҳаҳои бузурги аҳамияти милливу минтақавидошта, корхонаҳои азими саноатӣ бунёд ва мавриди истифода қарор гирифта, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуд.



Натиҷаҳои ислоҳотҳои дар самтҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ гузаронидашуда, аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ баланд арзёбӣ гардида, мавқеи байналмилалии мамлакат дар ин самт устувор ва ҷумҳурии мо борҳо соҳиби ҷоизаҳои байналмилалӣ гардид.

Ҳамаи ин баёнгари нақши

роҳбарикунанда ва барҷастаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самтҳои соҳибкориву сармоягузорӣ буда, зарур аст, ки масъалаҳои ба он дахлдор аз нуктаи назари илмию амалӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шаванд. Баррасии мавзуи конфронси мазкур аввалин иқдом ба ҳисоб рафта, пешниҳод карда шуд, ки минбаъд ҷанбаҳои илмию амалии ин мавзуъ дар шаклҳо ва дар доираҳои васеътари масъалагузории муассисаю ташкилотҳо, бахусус тадқиқотию илмӣ мавриди баррасӣ ва корбарӣ қарор дода шавад.

Раиси Кумитаи иқтисод ва молияи Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам **Шариф Раҳимзода** дар баромади худ қайд кард, ки Парлумони кишвар аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ бо ибтикори бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати омодасозӣ ва ташаккули низоми ҳуқуқии иқтисодиёт, хусусан рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст.

Қайд карда шуд, ки қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ, кафолати давлатии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо мусоидат намуда, дар заминаи он тавассути таъмини қонунгузории мусоид ва мутобиқ намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, такмил ё дар таҳрири нав қабул карда шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи соҳибкорӣ амалӣ карда шуд.

Таъкид карда шуд, ки дар ин радиф, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Парлумони ҷумҳурӣ минбаъд низ ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари сармоя ва рушди бемайлони бахши хусусӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди мамлакат бо назардошти омилҳои буҳрони иқтисодиву молиявӣ диққати асосӣ дода мешавад.

Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияҳои илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам **Лутфулло Саидмуродов** зимни суханронии худ қайд намуд,ки дар бораи нақши таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ дар барқарорсозӣ ва таҳкими сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр асарҳои илмӣ асосан аз мавқеъ ва диди назариявии давраи гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ навишта шуда, аммо аҳамияти бузург ва нишондоди он дар ташаккул ва рушди заминаҳои иқтисодиёти бозорӣ чун заминагузори рушди ҷомеаи муосири демократӣ дар Тоҷикистон, мутаассифона, то кунун ба таври комилу муфассал арзёбӣ нашудааст.

Сипас оид ба натиҷаҳои таҳти роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон бадастоварда ибрози назар карда шуд.

Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ситабр Агро”, **Одинаев Мирҷон** қайд намуд, ки Истиқлолият ва даврони соҳибистиқлолӣ барои тамоми мардуми ҷумҳурӣ, махсусан барои соҳибкорон аҳамияти хосса дошта, дар ин давра заминаҳои рушди соҳибкорӣ, майдони муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ба воситаи таъсиси Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ фароҳам оварда, чандин ислоҳот дар самти рушди соҳибкорӣ гузаронида шуд, ки ҳамаи ин ба сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқаманд мебошад.

Зимни изҳори миннатдории самимӣ ба Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирию таваҷҷуҳи доимӣ ва чораандешӣ ҷиҳати рушди соҳибкорӣ Роҳбари корхона қайд кард, ки дар натиҷаи чунин дастгириҳо Ҷамъияти дорои масъуляти маҳдуди "Ситабр Агро" ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Аз ҷумла ба корхона муяссар шуд, ки аввалин шуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлати Итолиё технологияи нави замонавии соҳаи боғдориро ворид ва бо усули нави технологӣ дар маҷмуъ 20 га майдон боғ бунёд намуда, мутахассиси маҳаллӣ пас аз омӯзиш дар хориҷи кишвар ба фаъолияти корӣ ба кор ҷалб гардад ва бо Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар корхона кафедраи муштараки "Технологияи инноватсионӣ дар кишоварзӣ" ҳамкориҳоро ба роҳ монад.



Одинаев М. бо изҳори қаноатмандӣ қайд намуд, ки 27 октябри соли 2015 зимни ташрифи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти ин қитъаи майдони боғи истеҳсолӣ ва омӯзишӣ расман ифтитоҳ гардид.

Баргузории чорабинии мазкур ҳамчун нишони эътибори соҳибкорони ҷумҳурӣ дар доираи сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ гардида, изҳори итминон карда шуд, ки ҳамкории минбаъдаи мақомоту идораҳои дахлдор бо соҳибкорон таҳким ёфта, бо ворид шудан ба марҳилаи нави созандагӣ, ба муҳайё намудани заминаҳо ва самтҳои нави рушд мусоидат менамояд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, **Ҷамолиддин Нуралиев с**аҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи бунёд ва таҳкими низоми бонкии мамлакат ва дар ҳамин замина дастгирии молиявии фаъолияти соҳибкорӣ муҳим арзёбӣ намуда, қайд кард, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ дар мамлакат заминаи боэътимоди қонунгузории соҳаи бонкдорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ин соҳа ба вуҷуд оварда шуд.

Тавре қайд гардид,чорабиниҳои иқтисодию молиявӣ, аз ҷумла қабули Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодии кишвар, таҷдиди низоми бонкӣ, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба сирри бонкӣ ва ҳифзи пасандозҳо ва тадбирҳои дигари дар соҳа андешидашуда имкон дод, ки иқтисодиёти кишвар давраи коҳишёбӣ ва пастравиро паси сар намуда, барои дар соли 2000-ум ба муомилот баровардани пули нави миллӣ - "сомонӣ" заминаи зарурӣ фароҳам овард, ки ин иқдом 30 октябри соли 2000-ум амалӣ гардид.

Таъкид карда шуд, ки дар заминаи таъкидҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрии худ бо фаъолону соҳибкорони кишвар барои дар мадди аввал қарор додани

дастгирии соҳаҳои истеҳсолии дохилӣ тавассути дастрасии саривақтии қарзҳо ба истеҳсолкунандагони дохилӣ, соҳибкории хурду миёна, хусусан дар ноҳияҳои дурдасти кишвар, бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ мунтазам зиёд намудани ҳаҷми қарзҳо соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкорони ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, дастгирии занони соҳибкор аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда ва чунин раванд идома дода мешавад.

Вобаста ба "Имтиёзҳо ва ҳавасмандкуниҳои андозӣ барои соҳибкорону сармоягузорон" Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Нусратулло Давлатзода** баромад карда, қайд намуд, ки тибқи дастури Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 бо мақсади идомаи беҳтар кардани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ ва идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, дастгирии молистеҳсолкунандагон ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ дар самти таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ва то 50 % кам кардани номгӯи андозҳо, шумораи эъломияхои андоз то 41 фоиз, шумораи ҳисоботҳои андозӣ то 86 фоиз ва шумораи умумии пардохтҳои андозӣ то 43 фоиз корҳои назаррас амалӣ карда шуд. Дар доираи Кодекси нави андоз барои пешрафти соҳибкории хурду миёна беш аз 240 номгӯй имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ карда шудаанд.

Ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз 19 майи соли 2009, таҳти №508 муҳлати бақайдгирӣ ба туфайли истифода аз барномаҳои махсуси компютерӣ, ташкили махзани ягонаи маълумот, бунёди шабакаи электронии Кумитаи андоз бо мақомоти ҳудудӣ ва мақомоти омору ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин истифодаи Рақами ягонаи мушаххас аз 49 рӯз то ба 5 рӯз (барои шахсони ҳуқуқӣ), 3 рӯз (барои филиал ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) кам карда шудааст.

Тавассути барномаи махсуси компютерии «Утоқи шахсии андозсупоранда» дар баробари ба таври электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботҳо, андозсупорандагон имкон доранд, ки ҳисобномаи шахсии худро аз руи ҳар як намуди андоз аз назар гузаронанд ва оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ бо мақомоти андоз санади муқоисавӣ тартиб диҳанд ва дар баробари пешниҳоди ҳисоботҳои андозӣ, истифодабарии ҳисобнома – фактураи электронӣ, инчунин ҳисоботҳои омории худро низ дар шакли электронӣ пешниҳод намоянд.



Бо дастгирии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2010, №626 Барномаи рушди маъмурикунонии андоз тасдиқ шудааст. Ҷиҳати дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи Барномаи мазкур Кумитаи андоз бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҳамкорӣ

намуда, дар натиҷаи ин чораҷӯиҳо ва бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 2013 Лоиҳаи грантии Бонки Умумиҷаҳонӣ оғоз гардид.

Мақсад аз татбиқи амалии Барномаи мазкур гузарониданиислоҳоти андоз, аз он ҷумла, беҳтар намудани маъмурикунонӣ ва такмили қонунгузории андоз, ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ ва дар ин замина таҳия ва мавриди амал қарор додани барномаҳои компютерӣ, такмили дониши касбии кормандон ва дар сатҳи муосир анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон муқаррар шудааст.

Директори кулли Ширкати «ТК Ойл», **Сяо Юншэн** зимни арзи миннатдории самимӣ аз номи роҳбарияти ширкати «ХЕ ЛИ» ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ғамхории доимӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ дар баромади худ қайд намуд, ки дар доираи сиёсати созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар ҷумҳурӣ фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварда шудааст.Тавре қайд карда шуд, бо мавҷудияти фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширкати «ХЕ ЛИ»-и назди Корпоратсияи «Ҷи Ой» тасмим гирифт, ки лоиҳаи аввалини худро дар Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» бо бунёд намудани корхонаи коркарди нафт бо иқтидори 1,2 млн. тонна дар як сол амалӣ намояд. Дар марҳилаи аввал иқтидори корхона коркарди 500 ҳазор тонна нафтро дар бар гирифта, бо ин мақсад 80 доллар млн. ИМА ҷудо гардидааст. Айни замон сохтмони корхона асосан ба охир расида тасмим гирифта шудааст, ки ба муносибати 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли ҷорӣ мавриди истифода қарор гирад.

Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Муминова Фарида** қайд намуд, ки дастовардҳою самтгирии рушди кишварамон бевосита бо ташаббус ва фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад.

Ба мақсади пешгирии таназзули иқтисодиёт аз давраи аввали Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ барои солҳои 1995 - 2000 шуруъ намуд. Бо қабул ва татбиқи Стратегияи миллии рушд, силсилаи барномаҳои рушди бахшу соҳаҳо ислоҳоти сохторӣ ҳамчун заминаи устувор барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ амалӣ шуданд.

Дар баромад таъкид гардид, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳо воситаи муҳими ҳалли масъалаҳои шуғлу даромад мебошад. Дар ин робита, таваҷҷуҳ намудан ба - афзун гардонидани масъулият ва ҷавобгарии роҳбарони минтақаҳо нисбати ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ, таҳияи механизми ҷавобгарӣ нисбати фаъолияти ғайрисамаранок дар ин самт; омода намудани низоми миллии таҳия ва баррасии рейтинги ҷолибияти сармоя дар миқёси минтақаҳои кишвар; такмили махзани ягонаи иттилоотӣ барои сармоягузорон ва соҳибкорон; устуворгардонии иқтидори Марказҳои ноҳиявии рушди соҳибкорӣ ба воситаи пешниҳоди хизматрасонии таҳияи бизнес-нақшаҳо, ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бо таъмини диққат ба масъалаҳои андозбандӣ, дастрасӣ ва идораи маблағҳои қарзӣ; таҳия ва баррасии васеи Роҳнамои сармоягузорӣ дар миқёси минтақаҳои кишвар муҳим арзёбӣ гардид.

Қайд карда шуд, ки  нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди ташкил ва таъмини рушди низоми дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ хеле муҳим ва бориз буда, фаъолияти пурсамару дурандешонаи Пешвои миллат имкон медиҳад,ки минбаъд низ  суботи рушд бо ноилшавӣ ба қуллаҳои нав таъмин гардад.



Роҳбари Котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, **Нуъмон Абдуғафforзода** мухтасаран роҷеъ ба ташаббусҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти гузаронидани ислоҳоти куллӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла соҳибкориву сармоягузорӣ ибрози назар намуда, таъсиси Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориро, ки дар он баррасии масъалаҳо мустақиман бо соҳибкорону сармоягузорон, ҷалби онҳо ба раванди ислоҳот, аз ҷумла таҳия, қабул ва татбиқи санадҳои меъёриии ҳуқуқӣ, рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи олӣ амалӣ мегардад, яке аз қадамҳои муҳим дар самти густариши муносибатҳои байни давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчунин яке аз шаклҳои самараноки муколамаи Пешвои миллат бо соҳибкорону сармоягузорон арзёбӣ намуд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки муколама ва мулоқотҳои пайвастаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорону сармоягузорон дар дохил ва хориҷи мамлакат дар таҷриба камназир буда, барои гузаронидани ислоҳот ва ҳалли масъалаҳои соҳибкориву сармоягузорӣ омили калидӣ ба шумор меравад.



Дар кори конфронс намояндагони доираҳои соҳибкорию сармоягузорӣ оид ба таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ва андешаҳои худро вобаста ба як қатор масъалаҳои

соҳа баён намуданд.

Дар хотима тавсияҳои конфронс қабул карда шуд.

**Тавсияҳои конфронс**

1. Ҷанбаҳои илмию амалии нақши созандаи Пешвои миллат дар ташаккули фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ минбаъд дар шаклҳо ва доираҳои васеътар мавриди баррасӣ, омӯзиш ва корбарӣ қарор дода шуда, ба доираи васеи аҳли ҷомеаи муаррифӣ карда шавад.

2. Робитаи байни олимону коршиносони бахши хусусиву соҳибкорӣ ва мақомоти давлатӣ устувор карда шуда, дар кору фаъолияти ҳаррузаи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла дар самтиислоҳоти иқтисодӣ барои амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат аз дастовардҳо ва пешрафтҳои илмӣ ба таври васеъ истифода баранд.

3. Бо дарки нақши таърихӣ ва сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва дастгирии фаъолияти сармоягузориву соҳибкорӣ, мақомоту идораҳои дахлдор, ҷиҳати иҷрои санаду дастурҳо вобаста ба бартараф кардани монеаҳо ва таъмини рушди фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ бо назардошти татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, суботи сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат тамоми тадбирҳои заруриро андешанд**.**

4. Бо мақсади дастгирии соҳибкорон, аз ҷумла дастгирии молиявии онҳо маҳсулотҳои нави қарзии дастрас таҳия карда шуда, низоми имтиёзҳо ва ҳавасмандкуниҳои андозиву гумрукӣ, молиявию маъмурӣ боз ҳам васеътар карда шавад.

5. Бо назардошти мунтазам зиёд гардидани саҳми бахши хусусӣ дар Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ, аз ҷумла аз 30 фоизи соли 2000-ум то 67 фоиз дар соли 2015, таъмин намудани 78 фоизи пардохтҳои андозии буҷети давлатӣ ва бо шуғл фаро гирифтани 65 фоизи аҳолии фаъоли иқтисодӣ, инчунин саҳми бахши хусусӣ дар корҳои ободониву эҳсонкорӣ пешниҳод карда мешавад, ки “Шаҳодатномаи соҳибкори фахрӣ” таҳия карда шавад**.**

Бо эҳтиром,
Кормандони Котиботи Шурои
машваратии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар
намудани фазои сармоягузорӣ